Маълумотномаи асоснокунии
лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ,
санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо»

Бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №1968 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо» аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳия ва тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод карда мешавад.

Тибқи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо барои тасдиқ ва дар ин асос як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор танзим менамуданд аз эътибор соқит дониста мешаванд, аз ҷумла: қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав)», аз 5 феврали соли 2003, №54 «Дар бораи Тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва литсензиядиҳии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 4 марти соли 2002, №92 «Дар бораи тартиби литсензиядиҳӣ барои истифодаи қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 20 феврали соли 1995, №158 «Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 августи соли 1992, №325», аз 3 июли соли 2003, №301 «Дар бораи тасдиқи Тартиби додани иҷозатнома барои дошта гирифтани намудҳои ҳайвоноти кӯчанда, нодир ва зери таҳдиди нобудшавӣ қарордошта» ва аз 21 майи соли 2022, №239 «Дар бораи Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳӣ». Зеро, то имрӯз санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур қоидаҳо (тартиб, раванд, расмиёт)-и додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ муайян менамуданд.

Дар як вақт, мувофиқи лоиҳаи қарори мазкур вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар мухлати ду моҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро ба қарори мазкур мутобиқ намоянд.

Дар навбати худ лоиҳаи Тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо (минбаъд - Тартиб) қоидаҳои аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо (минбаъд - ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта) барои анҷом додани фаъолият ва амалҳои субъектҳои хоҷагидор, ки бо

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» муқаррар гардидаанд, мушаххасан ба танзим медарорад.

Лоиҳаи Тартиб аз 6 боб, 246 банд ва 10 замима иборат буда, масъалаҳои муқаррароти умумӣ, иҷозатномадиҳӣ, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда ва муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад. Инчунин, дар лоиҳаи Тартиби мазкур номгӯи истисноии мақомоти иҷозатдиҳанда, мақоми иҷроияи иҷозатдиҳанда, пардохти хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба буҷети давлатии дахлдор (ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ), дар робита ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №1968 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» номгӯйи истисноиву мукаммали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ва мӯҳлати амали онҳо, яъне ба мӯҳлати номаҳдуди амал ва якдафъаина муқаррар, номгӯйи истисноии ҳуҷҷатҳои ба мақомоти иҷозатдиҳанда барои гирифтани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта пешниҳодшаванда, шартҳо ва талаботи иҷозатдиҳӣ, талабот ва шартҳои тахассусӣ, инчунин қоидаҳои қабули қарор дар бораи додан, азнавбарасмиятдарорӣ, додани нусхаи дуюм (дубликат)-и иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, анҷом додани амалҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ муайян карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар робита ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар лоиҳа мӯҳлати амали ҳар як ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, яъне ба мӯҳлати номаҳдуди амал ва якдафъаина барои пешбурди фаъолият ва ё амалҳои субъектҳои хоҷагидор, тартиби пардохти хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ки ба мӯҳлати номаҳдуди амал дода мешаванд ва дигар масъалаҳои алоқаманд ба додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муқаррар гардидаанд.

Дар ин радиф барои амалҳое, ки ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаи якдафъаина пешбинӣ гардидаанд, мӯҳлати эътироби он, яъне мӯҳлате, ки дар доираи он субъекти хоҷагидор амали дархостнамударо бояд анҷом диҳад, мушаххас ва муқаррар карда шуд. Бинобар ин эътибори ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаи якдафъаина барои анҷоми амал аз лаҳзаи анҷом ёфтани он ба охир мерасанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо» аз таҳлили таъсири танзимнокӣ гузаронида шуд.

Мувофиқи таҳлилҳои мутахассисони миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин доираи васеи намояндагони бахши хусусӣ дар чунин шакл қабули лоиҳаи Тартиб барои соҳибкориву сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам оварда, сарбориро аз бахши хусусӣ ва омилҳои

бавуҷудоварандаи коррупсия ҳангоми давра ба давра додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта аз байн мебарад ва ҷолибияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар байни кишварҳои ҳамсоя бештар мегардонад.

Бояд қайд кард, ки лоиҳаи мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳо, инчунин субъектҳои хоҷагидор такмил дода шуд.

Лоиҳаи мазкур бо назардошти бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ гардидааст, аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда нашудааст.

Татбиқи лоиҳаи қарори мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Раиси Кумитаи давлатии
сармоягузорӣ ва идораи амволи
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳимзода